# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони “Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1.-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар ҳамаи давру замонҳо барои олимон ва мутафаккирони бузург аз аҳаммият бархӯрдор буданд. Натиҷаҳои ҷусторҳо дар адабиёти мардумӣ, ривоятҳо, асарҳои илмӣ инъикос мешуданд. Бинобар ин, барои ҷустуҷӯи роҳи ҳалли проблемаҳои илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии донишпажӯҳон, файласуфон, маорифпарварон, ҳамчунин мулоҳизаи усули таълиму тарбияи дар асарҳои халқӣ мавҷудбуда зарур мебошад.

Мутафаккироне, ки дар таърихи Тоҷикистон ва мардумони дигар осори мондагори худро гузоштаанд, чунин ҳисоб мекарданд, ки дар кори такомули инсон ва ҷузъи маънавию ахлоқии ӯ нақши дониш басо бузург аст. Дар осори классикони қадим тавсия мешавад, ки кӯдаконро бояд дар руҳияи ахлоқи воло, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, башардӯстӣ, дӯстӣ, таҳаммул, меҳру муҳаббат ба Ватан ва нафрат ба душманон, фидокорӣ дар роҳи шукуфоии Ватан тарбия намуд.

Барои педагогикаи муосир робитаи наздик доштан бо афкори педагогии донишмандон ва мутафаккирони асрҳои X-XV хос аст. Дар ҳамин давра ғояҳои бузурги халқи тоҷик арзи вуҷуд намуда, шуҳрати ҷаҳонӣ ба даст оварданд. Аз миёни муаллифони чунин ғояҳо Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Котиби Хоразмӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридаддини Аттор, Абуҳомид Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомиро метавон номбар намуд. Нуқтаи ҷолиб он аст, ки дар таълимоти бисёр олимони асримиёнагӣ ғояҳои дар ҳамон замонҳо пешқадами педагогии Шарқу Ғарб инъикос шудаанд, онҳо минбаъд асоси илми педагогикаро ташкил намуданд.

Олимони маъруф И.И. Зарубин, А.А. Семёнов, А.Н. Писарчук, М.Раҳимов ва дигарон дар омӯзиши бисёр ҷанбаҳои проблемаи номбаршуда саҳми назаррас гузоштанд. Пажуҳишгарони мазкур дар асарҳои худ маводи пурғановатро дар бораи арзишҳои мардуми Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда,

сабабҳои ташаккули онҳо, роҳҳои рушд, зарурати корбурди онҳоро дар зандагии ҳаррӯза, ҳаёти оилавӣ ва ҷомеа мавриди таҳлил қарор доданд. Бори нахуст мардумшиносон саъй намуданд, ки арзишҳои миллиро бар мабнои ҳадафҳо, вазифаҳо ва аҳаммияташон тасниф намоянд. Ҳамин тавр, арзишҳои динӣ ва ғайридинӣ ҷудо карда шуда, аҳаммияти мутараққию маънавӣ, сабабҳои маҳфуз мондани онҳо тайи чандин асрҳо омӯхта шуданд.

Дар таълифи диссертатсия мо методҳои таҳлили адабиёти таърихию педагогӣ, асарҳои мардумшиносӣ ва шарқшиносӣ, рисолаҳои фалсафиеро воҳӯрдем, ки дар онҳо мавзуи арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ, ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, маъхазҳои хаттии бостонӣ аз қабили “Авасто”, “Хурдак Авасто”, ҳадисҳо, “Насиҳати Луқмони Ҳаким ба фарзанд”, ”Қобуснома”, “Синбоднома”, “Ҳазору як шаб” ҳикмати донишмардони дигар ва ғайра омӯхта шуданд.

Муҳтавои асосии диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар зиёда аз 55 маводи илмӣ, аз ҷумла : 3 монография, мақолаҳои илмӣ, ки 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшававндаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳамзамон муқарррати асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар кеонференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Автореферати таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар сатҳи баланди мазмунӣ ва илмӣ, ҳамзамон бо забони илмии оммафаҳм таҳия гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмиро аз ҷониби муаллиф нишон медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳаҷми маводҳои назариявӣ дар рисолаи илмӣ аз ҳад зиёд аст, онро мухтасар сохтан мумкин аст.

Аммо ин асосан ҳусну кубҳи рисоларо халалдор намекунанд, мазмуни асосӣ ва мухтасари автореферати рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дарбар гирифта, доир ба мавзуи тадқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст.

Тарзи масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровони марбут ба мавзуъ, факту далелҳои мушаххас ва музокиранониҳои илмиву мантиқӣ шакл гирифта, хулосаи ниҳоӣ муҳтавои умумии онро ифода мекунад.

Хулоса, мавзӯи баррасӣ намудаи Аҳмадзода Зулфия таҳти унвони "Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон ва мутафаккирони муосир" мубрам буда, муаллиф тавонистааст, ки мазмун ва муҳтавои онро дуруст муайян намояд. Таҳқиқоти илмӣ аз рӯи ҳаҷм, мазмун ҷавобгӯи талабот буда, муаллифи он баҳри дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба тарбияи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Аҳмадзода Бунафша Саймузафар

25. 06. 2026

Суроға: 735024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10.
Тел.: (+992) 985-05-34-54.
E-mail: abunafsha@mail.ru

Имзои Аҳмадзода Бунафша Саймузафарро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

25. 06. 2026